**НУСХА**

аз қарори №2 маҷлиси кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ

аз 28.09.2024 с. ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:** 14 нафар.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Дар бораи баррасӣ, муҳокима ва тасдиқи номгӯйи мавзуъҳои рисолаҳои хатм, дипломӣ, магистрӣ ва корҳои курсии донишҷӯёну магистрони кафедра

**Шунида шуд:** Доир ба масъалаи тасдиқи мавзуъҳои корҳои курсӣ, рисолаҳои тахассусии хатм ва магистрӣ дотс. Б. Х. Наврузшоев баромад карда, ба муаллимон супориш доданд, ки сариваќт рӯйхати мавзуъҳои рисолаҳои хатм ва магистрӣ дастраси донишҷӯён гардида аз рӯи рӯйхати пешниҳод шуда, донишҷӯёну магистрантон мавзуъро интихоб намуда, бо имзои онҳо тасдиқ карда шавад. Дар ҳолати ихтилофи назарҳо ҷиҳати иҷроиши кор бо қарори кафедра то мӯҳлати муайянкарда иваз карда мешавад. Дар дигар ҳолат ивази мавзуъ бе асос иҷозат дода нашудааст. Инчунин, таъкид карда шуд, ки мавзуъҳои пешниҳод шуда набояд такрор шаванд.

Сипас, профессор А. Мамадназаров, дотсентони кафедра Абдулфайзов С., Дадаҷонова И. Б., Собирова У.С., дар бораи мавзуъҳои актуалӣ ибрози ақида намуда, барои донишҷӯёни фаъол пешниҳод кардани онҳоро муҳим арзёбӣ кард.

Доир ба масъалаи мазкур дотсент Назарова М. Р., баромад ва суханронӣ карда, пешниҳод намуд, ки донишҷӯёне дар давоми дарс ва корҳои ҷамъиятӣ фаъол буданд, ҷиҳати иҷроиши мавзӯъ дастгирӣ карда шаванд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Дар бораи баррасӣ, муҳокима ва тасдиқи номгӯйи мавзуъҳои рисолаҳои хатм, дипломӣ, магистрӣ ва корҳои курсии донишҷӯёну магистрони кафедра дар соли хониши 2024-2025 аз 28.09.2024 тасдиқ карда шавад.

2. Мавзуъҳои рисолаҳои тахассусии хатм, магистрӣ ва корҳои курсии донишҷӯёну магистрони кафедра барои тасдиқ ба Шурои олимони факултет пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа, дотсент Наврузшоев Б. Х.

Котиб Имматшоева С. Ҳ.